# ИҚТИБОС

**аз Суратҷаласаи № 4**

## ШӮРОИ ОЛИМОНИ

Институти таърих, бостоншиноси ва мардумшиносии
ба номи Аҳмади Дониши АМИТ

**аз 29-уми апрели соли 2022** **ш. Душанбе**

**Иштирок доштанд: 23 нафар**
аз 24 нафар аъзои ШО, унвонҷӯён, довталабон

**РӮЗНОМА:**

**4. Масъалаҳои ҷорӣ**

**4.4. Музокира ва муҳокимаи илмӣ оид ба натиҷаҳои диссертатсияи докторанти фалсафа PhD-и Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ Махсудов Аслиддин Муҳаббатович дар мавзӯи «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2021)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D020300 – Таърих, ихтисоси 6D020301 (07.00.02) – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ва хулосаи маҷлиси васеи Шӯрои олимон**

Аз рӯи **масъалаи чоруми масъалаҳои ҷорӣ** раиси Шурои олимон, д.и.т., профессор Убайдулло Н.К. дар бораи ба муҳокима ва баррасӣ пешниҳод гардидани рисолаи илмии хатмкардаи зинаи докторанти фалсафа PhD-и Институт Махсудов Аслиддин Муҳаббатович дар мавзӯи «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2021)» баромад намуда, қайд кард, ки таҳқиқоти мазкур дар Шуъбаи таърихи навтарин ба анҷом расонида шудааст. Диссертатсияи Махсудов А.М. экспертизаи давраи аввалро аз Шуъбаи таърихи навтарин гузашта, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D020300 – Таърих, аз рӯйи ихтисоси 6D020301 (07.00.02) – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ба экспертизаи давраи дуюм пешниҳод гардидааст. Махсудов А.М. ҳуҷҷатҳои зеринро барои гузаштан аз экспертизаи давраи дуюм ба Шӯрои олимони Институт пешниҳод намуд:

1. Аризаи Махсудов А.М. ба номи директор бо ризоияти (имзои) роҳбари илмӣ ва ризоияти (имзои) мудири Шуъбаи таърихи навтарин, ки кори илмӣ дар ин Шуъба ба иҷро расидааст;
2. Нусхаи протоколи Шуъба оид ба баррасии кори илмии Махсудов А.М.;
3. Хулосаи маҷлиси Шуъба дар хусуси дуруст барасмият даровaрда шудани диссертатсия ва пешниҳоди он ба экспертизаи давраи дуюм;
4. Дастнависи диссертатсия;
5. Дастнависи автореферати диссертатсия;
6. Нусхаи интишороти Махсудов А.М. вобаста ба мавзӯи диссертатсия.

Экпертизаи давраи дуюми диссертатсияи Махсудов А.М. дар Шурои олимони Институт тибқи муқаррароти Банди 50-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»,

№267 аз «30» июни соли 2021 оид ба баррасии диссертатсия бо тартиби пешниҳодшудаи зерин баргузор мегардад.

Махсудов А.М. бо маърӯза дар бораи мазмуни асосии кори диссертатсионӣ дар мавзӯи «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2021)» баромад намуд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбандӣ гардидаанд. Дар охири диссертатсия баррасии натиҷаҳои илмӣ ва тавсияҳои муаллифи он дарҷ ёфтааст.

**Сипас, саволу ҷавоб оид ба маърӯзаи довталаб шурӯъ гардид.**

Тақриз ба диссертатсияи Махсудов А.М. аз ҷониби роҳбари илмӣ н.и.т. Ғафуров Абдулло Мутиллоевич хонда шуд.

Муқарризони холис н.и.т. Ҳасанова М. ва н.и.т. Сайнаков С. баромад намуда, тавассути тақризи худ кори диссертатсионии Махсудов А.М.-ро мусбӣ арзёбӣ намуданд. (Тақризҳо замима мегарданд)

Сипас, музокира ва муҳокимаи илмӣ оид ба натиҷаҳои диссертатсия ба вуқӯъ пайваст.

**Дар муҳокима иштирок карданд:** академик, д.и.т. Яқубов Ю., сарходими илмии Шуъбаи таърихи илм ва техника, д.и.т. Нуралиев Ю., сарходими илмии Шуъбаи таърихи навтарин, д.и.т. Ҳотамов Н.Б., мудири Шуъбаи таърихи санъат, д.и.т. Раҷабов А.

Хулосаи маҷлис вобаста ба пешниҳод кардани диссертатсияи Махсудов А.М. ба экспертизаи давраи навбатӣ дар Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-035 ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D020300 – Таърих, аз рӯйи ихтисоси 6D020301 (07.00.02) – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) низ хонда шуда, ба овоз монда шуд. (Хулоса замима мегардад).

**Натиҷаи овоздиҳӣ:**

Тарафдор – 23 нафар;

Зид – нест;

Бетараф – нест;

Шӯрои олимон масъалаи мазкурро баррасӣ намуда,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Баромади раиси Шурои олимон, д.и.т., профессор Убайдулло Н.К. ба инобат гирифта шавад.
2. Баромади довталаб Махсудов Аслиддин Муҳаббатович дар мавзӯи «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2021)» қаноатманд ҳисобида шавад.
3. Тибқи экпертизаи давраи дуюм диссертатсияи Махсудов А.М. дар мавзӯи «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2021)» кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта ва ба талаботи муқаррargардидаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, бо назардошти пешниҳоду тавсияҳои муқарризон ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D020300 –

Таърих, аз рӯйи ихтисоси 6D020301 (07.00.02) – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-035 тавсия карда шавад.

4. Хулосаи маҷлис бо тарафдории аксари иштирокчиёни Шӯрои васеи олимони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ қабул карда шавад.
5. Протокол ва хулосаи маҷлис тибқи муқаррарот ба расмият дароварда шуда, бо имзо, муҳри Институт ва санаи рӯз тасдиқ карда шавад.
6. Тибқи Банди 52-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», №267 аз «30» июни соли 2021 оид ба экспертизаи давраи дуюми диссертатсия Нусхаи протоколи мазкур ва Хулосаи ҷаласаи васеи Шӯрои олимон дар бораи ба ҳимоя тавсия кардани диссертатсияи доктори фалсафа (PhD) Махсудов А.М. ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-035 ирсол карда шавад.
7. Иҷроиши Қарори мазкур ба зиммаи котиби илмӣ Маҳмудова М.М. вогузор карда шавад.

**Раиси Шӯрои олимон** **Убайдулло Н.К.**

**Котиби илмии Институт** **Маҳмудова М.М.**